# БАРГУЗОРИИ ХОНИШИ ИДОРАВӢ
# ДАР ПАЖӮҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ

Хониши идоравиро директори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Сироҷиддин Ниёзӣ ифтитоҳ намуда, таъкид кард, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими суботи сиёсӣ, рушди устувори давлат ва пешрафти низоми маориф нақши беназир доранд. Ӯ зикр намуд, ки вазъи ҳаётии сиёсии тоҷикон имрӯз маҳз дар партави сиёсати хирадмандона ва сафарҳои Пешвои миллат ба кишварҳои хориҷӣ ба сатҳи нав баромадааст. Ин сафарҳо, ки ҳадафашон густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ, ҷалби таҷрибаи пешрафта ва муаррифии дастовардҳои таърихиву фарҳангии тоҷикон мебошанд, барои пешрафти соҳаҳои калидӣ, хусусан маориф, аҳамияти бузург доранд. Сироҷиддин Ниёзӣ таъкид кард, ки маҳз дар чунин шароит омӯзгорон ва муҳаққиқон вазифадоранд, ки ба ташаккули маърифатии хонандагон, баланд бардоштани ҷаҳонбинии шаҳрвандӣ ва тарбияи маърифати ҳуқуқии волидон низ саҳми назаррас гузоранд. Ӯ иброз дошт, ки ташаббусҳои Пешвои миллат оид ба боло бурдани сатҳи саводнокӣ, рушди китобхонӣ, муосирсозии таҳсилот ва омӯзиши технологияҳои нав ба Пажӯҳишгоҳ ва муассисаҳои илмиву таълимӣ масъулияти иловагӣ вогузор мекунад. Дар идомаи хониш Р. Хуррам – ходими пешбари илмии шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълим дар мавзуи «Ташаккули таълими маърифати хонандагон ва маърифати ҳуқуқии волидон» баромад намуд. Ӯ зикр кард, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи тарбияи фарзанд ва масъулияти волидайнро ҷиддан танзим менамояд. Аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва Кодекси оила, ки уҳдадории волидонро дар таълиму тарбия ва ҳамкории онҳо бо муассисаҳои таълимӣ муқаррар менамоянд. Сипас, бо сухан баромад намуд И. Давлатшоев – ходими калони илмии шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълим дар мавзуи «Вазъи ҳаёти сиёсии тоҷикон дар партави сафарҳои давлатии Пешвои миллат ба хориҷи кишвар». Ӯ таъкид кард, ки сиёсати хориҷии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба таҳкими суботи сиёсӣ, болоравии нуфузи байналмилалии кишвар ва беҳбудии ҳаёти иҷтимоии шаҳрвандон мусоидат мекунад. Сафарҳои Пешвои миллат ба хориҷи кишвар имкониятҳои нави ҳамкорӣ дар соҳаи маорифро кушода, шароити мусоид барои таҳсил ва соҳибкасб гардидани ҷавонони тоҷик дар муассисаҳои бонуфузи хориҷӣ фароҳам овардаанд. Хониши идоравӣ бо муҳокимаи

мавзуҳои пешниҳодшуда ва ибрози фикру мулоҳизаҳои ҳозирин идома ёфта, аз натиҷаҳо хулосабарорӣ гардид.







